Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Сайвализода Ҷумахон Сайвалӣ дар мавзуи «Таҳаввул ва рушди ҳуқуқуозодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон дар Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01- Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ пешниҳод шудааст**

Муқаррароти умумӣ оид ба ҳуқуқу озодиҳои иҷтимоиву иқтисодии инсон ва шаҳрванд, ки дар боби дуюми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидаанд, масоили татбиқи он ҷавҳари асосии автореферати диссертатсияи Сайвализода Ҷумахон Сайвалиро ташкил медиҳанд. Автореферат дар шакли матн дар ҳаҷми 39 саҳифа пешниҳод шудааст. Бояд қайд намуд, ки автореферат аз муқаддима, тавсифи умумии тадқиқот, қисмҳои асосии тадқиқот (фишурда), хулоса ва тавсияҳое, ки дар он ҷамъбасти мухтасари кор дарҷ гардидааст, инчунин феҳристи интишороти муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Мавзуи автореферати диссертатсияи Сайвализода Ҷ.С. ба яке аз масъалаҳои мубрами аҳамияти назариявӣ ва амалидоштаи ҳуқуқи инсон, ҳуқуқу озодиҳи иҷтимоиву иқтисодӣ дар низоми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд бахшида шудааст, ки ба такмили минбаъдаи қонунгузорӣ дар самти ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ равона шудааст.

Бояд қайд кард, ки мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мубрам ва зарурӣ буда, таваҷҷуҳи бештари мутахассисони соҳаи ҳуқуқи инсонро талаб мекунад. Боиси қайд аст, ки мавзуи рисолаи мазкур аввалин таҳқиқоти илмӣ бо забони давлатӣ дар самти ҳуқуқи инсон дар шакли пурра ва ҳамаҷониба фарогири

масъалаҳои ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ дар илми ҳуқуқи ватанӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тавр, дар автореферати диссертатсия мубрамияти мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳқиқот, объект ва предмети мавзуи таҳқиқот, мақсад ва вазифҳои он, асосҳои методологӣ, асосҳои назариявии таҳқиқот, навгонии илмӣ ва нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия муайян карда шуда, оид ба саҳми шахсии довталаб, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, сохтор ва хаҷми диссертатсия ба таври зарурӣ муқаррарот пешбинӣ гардидааст.

Хулоса ва тавсияҳои дар тахкиқот пешбинишуда боэътимод ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок буда, бо усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмии дар таҳқиқот истифодашаванда таъмин карда шудаанд. Бисёре аз муқарраротҳо, хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар таҳқиқот баён шудаанд, навгонии илмӣ мебошанд.

Аз таҳлили амиқ ва баррасии ҳамаҷонибаи масъалаҳои дар автореферат зикргардида ба хулосае омадан мумкин аст, ки сохтори таҳқиқот пай дар пай ва бо риояи мантиқи илмӣ таҳия гардидааст. Автореферати диссертатсия ҳамаи талаботҳои ҷойдоштаро дар худ инъикос намуда, натиҷаҳои пурра ва босамари таҳқиқотро ифода намудааст.

Аз рӯйи автореферати навишташудаи муаллиф чунин натиҷаҳои кори илмии мазкурро муайян намудан мумкин аст:

а) дар натиҷаи таҳқиқоти диссератациони асосҳои назарявию таърихии таҳаввули ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимои инсон мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст;

б) Кафаолатҳои ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикист таҳлил гардида, андешаҳои олимони соҳаи ҳуқуқи инсон ва назарияи умумии ҳуқуқ ва давлатро дар ин самт ба таври зарурӣ ҷамъбаст намуда, муаллиф хулосаҳои илмии асоснокро дар қисмати хулосавӣ пешниҳод намудааст;

в) дар автореферат муаллиф бо баррасии назари дигар ҳуқуқшиносон ба қатори ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ва ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ ҳуқуқ ба мерос, ҳуқуқ ба озодии фаъолияти иқтисодӣ ва ҳуқуқ ба фаъолияти соҳибкорӣ, озодии меҳнат ва ҳуқуқ ба меҳнат, ҳуқуқ ба истироҳат, ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ, ҳуқуқ ба манзил, ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ ва ёрии тиббӣ, ҳуқуқ ба таҳсил, ҳуқуқ ба иштирок дар ҳаёти маданӣ ва ҳуқуқ ба сатҳи шоистаи зиндагиро шомил кардааст.

Аз мазмуну мuҳтавои автореферати диссертатсия бармеояд, ки муаллиф масъалаҳои дар наздаш гузошташударо бо пуррагӣ ҳал намуда бошад ҳам, баъзе масъалаҳое, ки дар ин самт ҳамоно боқӣ мондаанд, ки таҳлилу баррасии алоҳидаро, дар корҳои таҳқиқотии минбаъдаи худ пурра мегардонад.

Муаллиф дар таҳқиқот ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоиро дар якҷояги таҳлил намудааст. Ба андешаи мо барои таҳлили мушаххаси ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ хуб мешуд, ки ба масъалаи мушкилоти таснифоти ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ зербоби алоҳида ҷудо карда мешуд. Зеро ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ номгуи зиёди ҳуқуқҳоро дар бар мегиранд, ки таснифбандии онҳо муҳим арзёбӣ мегардад. Ҳарчанд, ки дар дохили зербоби якуми боби як масъалаи мазкур ба тариқи умумӣ матраҳ гардида бошад ҳам ба тариқи мушаххас мушкилоти таснифот ва гуногун фаҳмии онро фаро нагирифтааст.

Гуфтаҳои болозикр ба мазмуну моҳияти диссертатсияи муаллиф костагӣ ва духурагиро ба миён наоварда, баръакс василаи пурра ва мустаҳкам намудани онро ифода менамояд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 8 мақолаи илмии муаллиф инъикос гардидааст, ки аз ин шумора 5 адади он дар маҷаллаҳои илмии такризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

Дар маҷмуъ, бояд қайд намуд, ки автореферати диссертатсияи номзадии Сайвализода Ҷ.С. мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, дар

он масъалаҳои бамиёнгузошта аз лиҳози илмӣ пайдарпай ва асоснок матраҳҳгардида, аз рӯйи мантиқ таҳлил гардида, сазовори баҳои мусбат мебошад.

Таҳлили автореферати мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки таҳқиқоти диссертатсионии Сайвализода Ҷ.С. дар шароити имрӯза муҳим ва зарурӣ арзёбӣ гардида, ба талаботи муқарраркардаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, аз тарафи муаллиф мустақилона таълиф гардида, дорои ягонагии дохилӣ, натиҷа ва нуқтаҳои нави илмӣ мебошад. Таҳқиқоти мазкур саҳми шахсии муаллифро дар соҳаи илм нишон медиҳад ва муаллифи рисола Сайвализода Ҷ.С. ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01- Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон — Алиев Ф.Ш.
Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Роғун, 735417, Ҷамоати деҳоти Қади об деҳаи Қалъаи нав, хонаи 315
Тел.:992 917375555, E-mail: falizoda2017@mail.ru

Имзои Алиев Ф.Ш.-ро тасдиқ мекунам
Сардори шуъбаи кадрҳо, ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон — Пирзода С.С.
«13» 06 соли 2025

Суроғаи муассиса: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон 734061, шаҳри Душанбе, к. Деҳоти 1/2, Тел.: +992 (37) 234-83-46
Факс: (37) 234-85-46 E-mail: info@ddtt.tj; tguk2025@gmail.com